Вазорату идораҳо

Мувофиқи моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 19 майи соли 2016, №02-686 ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати мувофиқа ирсол карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур бинобар муҳим буданаш барои муҳокимаи дигар вазорату идораҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ бо нишонии www.ahd.tj ҷой дода шудааст.

Хоҳишмандем баррасӣ карда шуда, дар ҳолати зарурат хулосаи худро ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳаи зикргардида бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар 7 саҳифа.

Директори Агентӣ Ҷ. Давлатов

Иҷрокунанда: Толибов Р.Ғ.
Тел: 224-08-79

Агентии назорати давлатии молиявӣ
ва мубориза бо коррупсия
Вазорати адлия
Вазорати молия
Вазорати рушди иқтисод ва савдо
Вазорати маориф ва илм
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ
Кумитаи андоз
Кумитаи кор бо занон ва оила
Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе

Мувофиқи моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои мувофиқа ба Шумо пешниҳод карда мешавад.

Хоҳишмандем баррасӣ ва хулоса манзур намоед.

Замима: Лоиҳа ва асосноккунии он дар 7 саҳифа.

Директори Агентӣ Ҷ. Давлатов

Иҷрокунанда: Толибов Р.Ғ.
Тел:.224-08-79

# АСОСНОККУНИИ

лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои бандҳои 35 ва 65 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ шудааст ва тавсияи 12 Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи истамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки таҳияи тағйиру иловаҳоро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо мақсади такмил додани механизми эъломиясозии даромад, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии довталабони (номзадҳои) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб, инчунин шахсони ишғолнамудаи мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ, мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ва аъзои оилаи онҳо, инчунин эъломиякунонии манфиатҳои чунин шахсон таҳия гардидааст.

Дар қисми 1 лоиҳа пешбинӣ мегардад, ки ба моддаи 1 Қонун мафҳумҳои «бархӯрди манфиатҳо», «манфиати давлатӣ», «манфиати шахсӣ» ва «аъзои оила» илова карда шаванд.

Дар қисми 2 лоиҳа моддаи 8 дар таҳрири нав ифода карда шуда, механизми пешниҳоди эъломия дар бораи даромад, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии довталабони (номзадҳои) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб, инчунин шахсони ишғолнамудаи мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ, мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ва аъзои оилаи онҳо такмил дода мешаванд.

Дар қисми 3 лоиҳа моддаи $8^1$ доир ба эъломиякунонии манфиатҳои шахсӣ илова карда мешавад.

Дар лоиҳа пешбинӣ мегардад, ки Тартиби пешниҳод, шакли эъломия, намудҳои даромад, молумулк ва уҳдадориҳои довталабони (номзадҳои) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ва аъзои оилаи онҳо ва эъломиякунии манфиатҳои шахсӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Қабули лоиҳа аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ҷой надоранд.

Хоҳишмандем баррасӣ карда шавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи

Қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»

Мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Лоиҳаи

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2005, №7, мод.402; с.2007, №7, мод.660; с.2008, №10, мод.800; с.2011, №12, мод.837; с.2014, №3, мод.148) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

-сархатҳои нуҳум, даҳум ва ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«-бархӯрди манфиатҳо - ҳолате, ки ҳангоми мавҷудияти он манфиатдории шахсӣ (бевосита ё бавосита) метавонад ба раванди қабули қарор ҳамон тавр таъсир расонад, ки боиси расондани зарар ба манфиатҳои ҷомеа ё давлат ё мақомоти давлатӣ ё ташкилот, ки корфармо мебошанд, мегардад;

-манфиати давлатӣ- манфиатҳои ҷомеа, ниҳодҳои алоҳидаи он ё гурӯҳҳои иҷтимоии барои таъмини фаъолияти устувор ва рушди ҷомеа муҳим, ки давлат барои таъмини манфиатҳои худи давлат муқаррар намудааст;

-манфиати шахсӣ- ҳар гуна манфиати моддӣ ё ғайримоддӣ, ки аз эҳтиёҷот ё ниятҳои шахсӣ, аз амалҳое, ки вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахси хусусӣ метавонанд қонунӣ бошанд, аз муносибатҳо бо шахсони наздик, дигар шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият, аз муносибатҳо ё алоқаҳои шахсӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ бармеоянд, инчунин натиҷаи афзалиятдиҳӣ ё уҳдадориҳои онҳо мебошад;»;

-сархати нуҳум сархати дувоздаҳум ҳисобида шуда, дар он аломати «.» ба аломати «;» иваз карда шуда, сархати сездаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«-аъзои оила-барои мақсади Қонуни мазкур зан (шавҳар), фарзандон (фарзандхондагон) ва дигар шахсони дар тарбия буда ё якҷоя истиқоматкунанда ё хоҷагии умумиро пешбаранда фаҳмида мешаванд.».

2. Моддаи 8 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 8. Эъломиякунонии даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявӣ

1. Довталабони (номзадҳои) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб, инчунин шахсони ишғолнамудаи мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ, мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда (минбаъд-эъломиякунанда) ҳангоми дар мансаб будан ҳар сол як маротиба то 1 апрел уҳдадор мебошанд, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида эъломия дар бораи даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии худ ва аъзои оиларо ба роҳбари мақомоти давлатии ҷойи кор пешниҳод намоянд.

2. Роҳбарони аввали мақомоти давлатӣ ва роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб ва ҳангоми дар мансаб будан ҳар сол як маротиба то 1 апрел уҳдадор мебошанд, ки мувофиқи тартиби муқаррargардида эъломия дар бораи даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии худ ва аъзои оиларо мувофиқан ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳр, ноҳияи дахлдор (минбаъд-мақомоти давлатии дахлдор) пешниҳод намоянд.

3. Иҷрои уҳдадорӣ оид ба пешниҳоди эъломия дар бораи даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии эъломиякунанда ва аъзои оилаи ӯ мақомоти давлатии дахлдор эъломиякунандаро аз уҳдадории пешниҳод намудани эъломия, ки қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, озод намекунад.

4. Тартиби пешниҳод, шакли эъломия дар бораи даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии довталабони (номзадҳои) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ва аъзои оилаи онҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

5. Хадамоти кадрии мақомоти давлатии ҷои кор ва мақомоти давлатии дахлдор:

-феҳристи баҳисобгирии эъломияҳо дар бораи даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии эъломиякунандагон ва аъзои оилаи онҳоро пешбурд менамояд;

-эъломиякунандагонро бо варақаҳои эъломияҳо дар бораи даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявӣ ва дастурамали тартиби пур намудани онҳо, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, таъмин менамояд;

-эъломиякунандагонро дар бораи зарурати саривақт пешниҳод намудани эъломияҳо, андешидани чораҳо оид ба таъмини пурра ва боэътимодии эъломияҳои пешниҳодшуда ва маълумотҳои дар онҳо нишондодашуда огоҳ менамояд;

-маълумотҳои дар эъломияҳо нишондодашударо меомӯзад, ҳангоми зарурат санҷиши махсуси эътимоднокии онҳоро мегузаронад.

3. Моддаи $8^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи $8^1$. Эъломиякунонии манфиатҳои шахсӣ

1. Манфиатҳои шахсии довталабон (номзадҳо) ба мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб ва шахсони ишғолкунандаи чунин мансабҳои давлатӣ ҳар сол то 1 апрели соли ҷорӣ эъломия карда мешаванд.

2.Ҳангоми эъломиякунонии манфиатҳои шахсӣ талаботи қисмҳои 2 ва 5 моддаи 8 Қонуни мазкур риоя карда мешаванд.

3. Тартиби пешниҳод, шакли эъломия дар бораи манфиатҳои шахсии шахсони дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишударо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон